«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Абдуалимзода Ҳ. А. _____
аз «21» 06 соли 2024

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз”: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст.

1. Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот

Дар шароити иқтисодиёти бозор ва афзоиши истеҳсолоти саноатӣ муаммоҳои муносибатҳои низоми «ҷамъият-табиат» хеле тезу тунд гардида, аҳаммияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ доранд.

Рушди босуботи мамлакат ва минтақаю ҳудудҳои он аз ҳифзи ҳолати муосири экологӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вобастагии қавӣ дорад. Ин тамоюл бо глобализатсияи иқтисодиёт алоқаманд буда, боиси ташвиш, нигаронӣ ва баргузории тадбирҳои экологиро ҷиҳати расидан ба таъмини мутобиқи муҳити зист барои наслҳои оянда тақозо менамояд.

Айни замон дар кишвар таваҷҷуҳ ба такмили низоми идоракунии экологӣ-иқтисодӣ ва обод кардани ҳудудҳое, ки дар онҳо ҳифзи экология ҳамчун афзалиятҳои тараққиёт муайян гардидааст, зиёд гардида, самаранокии идоракунии муҳити зист ба яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, вазифаҳои ба ҳам алоқаманд: ташкили низоми самараноки идоракунии муҳити зист тавассути ба роҳ мондани фаъолияти судманди соҳибкорӣ, ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз», инчунин, рушди маърифати экологии аҳолӣ бояд ҳалли мусбии худро ёбанд.

Мушкилот ва муаммоҳои экологӣ дар рушду нумӯи иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нимаи дуюми асри XX оғоз гардида, дар замони муосир босуръат ва ҳадафмандона шиддат гирифт. Дар шароити муосир, моделҳои анъанавии рушди иқтисодӣ имкониятҳои худро аз даст дода, зарурати гузариш ба рушди босуботро амиқ гардонид. Аз ин рӯ, назарияи рушди устувор, ки ҳадафи

ниҳоияш ҳифз ва беҳтар намудани вазъияти экологӣ ба ҳисоб меравад, инкишоф ёфта истодааст.

Дар муддати солҳои охир, барои минтақаҳои кишвар ҷиҳати истифодаи иқтидори иқтисодӣ ва захираҳои табиии ватанӣ имтиёзҳои калон дода шуд. Вале аксар вақт номутобиқатии фаъолияти байни сатҳҳои гуногуни низоми идоракунӣ ба вуҷуд омада, боиси оқибатҳои манфии экологӣ ва иқтисодӣ мегарданд. Ин ба он оварда расонид, ки объекти асосии идоракунӣ на низоми иқтисодӣ, балки низоми экологӣ-иқтисодӣ бояд бошад. Чунин ҳолат, ба қабули Консепсияи «Рушди устувор» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи он дар сатҳи минтақавӣ-ҳудудии алоҳидаи он мусоидат намуд. Мавриди зикр аст, ки яке аз муҳимтарин шартҳои идоракунии самараноки фаъолияти экологӣ, ин беҳтар намудани идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди "сабз" ба шумор рафта, муайян кардани афзалиятҳои рушд дар сатҳҳои гуногуни ҳукумат: ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни васеъ паҳнгаштаи муносибатҳои бозорӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ, афзоиши аҳолӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, рушди илму техника вазъиятро байни ҷамъият ва муҳити зист пуршиддат менамоянд. Нуктаҳои дар боло зикрёфта, ҳамчунин, омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкории экологӣ ва истифодаи дастовардҳои таҳқиқот дар тақвияти маърифат ва тарбияи экологии аҳолӣ, аз ҷониби мақомоти дахлдор ва субъектҳои хоҷагидорӣ, коркард намудани механизм, равия ва методҳои таъмини расидан ба мақсадҳои экологӣ дар рушди иқтисодии кишвар, зарурати беҳтар намудани шароити муҳити зист, мубрам будани таҳқиқоти илмӣ ва мавзуи диссертатсионии интихобкардаро исбот менамоянд.

2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба итмом расонида шуда, ба бандзои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат менамояд: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. Қонуният ва тамоили рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 4. Пешгӯии тағйиротҳои сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва

ғ.); 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавии соҳибкорӣ, алоқамандии онҳо; 15. Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

3. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолият саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

4. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар маҷмуи пешни-ҳодҳои ба ҳам алоқаманди инкишофи назария ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” ифода ёфта, натиҷаҳои назаррас, ки моҳияти навоварии илмии таҳқиқотро ташкил мекунанд, аз чунинҳо иборат аст:

- Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии мафҳуми «иқтисоди сабз» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун унсури муҳим ва тамоюли муосири рушди устувори иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ гардидааст. Таърифи муаллифии «иқтисоди сабз» пешниҳод гардидааст, ки ба қобилияти ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, коҳиш додани хатарҳои экологӣ ва мусоидат ба суботи иҷтимоӣ такя мекунад. Муаллиф дар асоси таҳлили асноди байналмилалӣ, адабиёти илмӣ ва маълумоти оморӣ принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккул ва рушди «иқтисоди сабз»-ро муайян намуда, таъсири онро ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди устувор нишон додааст.

- Моҳият ва хусусиятҳои соҳибкории экологӣ дар сохтори «иқтисоди сабз» бо назардошти таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии он баррасӣ шудаанд. Муаллиф мафҳуми соҳибкории экологиро бо такя ба равишҳои назариявии мавҷуда ва ворид кардани тафсири муаллифӣ ба гардиши илмӣ, ки нақши соҳибкории экологиро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи «иқтисоди сабз» таъкид

мекунад, муфассал шарҳ додааст. Ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии соҳибкории экологӣ диққати махсус дода шуда, дар асоси он тавсияҳо барои рушди он дар шароити иқтисоди миллӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф таҷрибаҳои муваффақро аз кишварҳои гуногун таҳқиқ намуда, омилҳои асосии пешрафт ва монеаҳоро дар рушди соҳибкории экологӣ муайян кардааст.

- Дар кори диссертатсионӣ механизм ва принсипҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки саҳми назаррас дар заминаи методологии таҳқиқоти рушди устувор ва соҳибкории экологӣ мебошад. Муаллиф равиши маҷмуиро пешниҳод кардааст, ки он имкон медиҳад на танҳо саҳми мустақими соҳибкории экологӣ тавассути коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист ва самаранокии истифодаи захираҳо баҳо дода шавад, балки таъсири ғайримустақими он тавассути татбиқи навовариҳо, иштироки фаъол дар баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ташкили ҷойҳои кории "сабз" объективӣ арзёбӣ карда шавад. Ин механизм таҳия ва мутобиқсозии нишондиҳандаҳои мавҷудаи самаранокии экологиро барои татбиқи онҳо дар соҳаҳои мухталиф ва миқёси корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти иқтисодӣ ва шароити иқтисодии миллӣ дар бар мегирад.

- Дар таҳқиқот омилҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити муосир ошкор гардидаанд. Муаллифи диссертатсия омилҳои ба рушди соҳибкории экологӣ таъсиррасонро ҳамаҷониба таҳлил ва гурӯҳбандӣ намудааст. Дар рисола таснифоти муфассали ин омилҳо, аз ҷумла ҷанбаҳои берунӣ ва дохилӣ, аз таҳдидҳои глобалии экологӣ ва қонунгузории байналмилалӣ то сиёсатҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳангӣ ва салоҳиятҳои инфиродии соҳибкорон оварда шудааст. Ин таҳлил бо таҳияи тавсияҳои муаллиф оид ба ташаккули муҳити мусоид барои соҳибкории экологӣ, аз ҷумла зарурати ҳамгироии устуворӣ ба барномаҳои таълимӣ ва стратегияҳои соҳибкорӣ пурра карда шудааст.

- Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шудааст. Дар таҳқиқот вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ гардида, тамоюлҳо, мушкилот ва имкониятҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи устуворӣ экологӣ муайян карда шудааст. Муаллиф таъсири сиёсати миллии иқтисодӣ, экологӣ ва инноватсиониро ба рушди соҳибкории экологӣ арзёбӣ намудааст, ки ба таҳияи самтҳои стратегии дастгирӣ ва рушди он имконият медиҳад.

- Дар диссертатсия, ҳамчунин, арзёбии вазъи рушди соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ амалӣ гардидааст. Муаллиф ба таври муфассал таъсири соҳибкории экологиро ба равандҳои саноатикунонии босуръат бо назари навоварона муайян

намудааст. Дар таҳқиқот ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии ин ҳамкориро таҳлил намуда, мушкилот ва имкониятҳои асосии соҳибкории экологиро дар заминаи саноатикунонии босуръат таъкид мекунад. Тавсияҳои дар асоси таҳлил гузаронидашуда ба ҳадди аксар расонидани манфиатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ аз рушди саноат, аз ҷумла пешниҳодҳо оид ба ҳамгироии таҷрибаҳои устувори экологӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии навовариҳо дар соҳаи экология ва рушди устувор равона карда шудаанд.

- Моҳият, махсусият ва самтҳои асосии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ бо назардошти ҳамгироии ҷумҳурӣ ба равандҳои глобалӣ муайян карда шудааст. Дар диссертатсия таҳлили сиёсатҳо ва тадбирҳое, ки ба дастгирии соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, бо дарназардошти ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф муайян кардааст, ки чӣ гуна ҳамкории байналмилалӣ ва ташаббусҳои глобалии экологӣ ба ташаккули сиёсати дохилии экологӣ ва амалияи дастгирии соҳибкории “сабз” таъсир мерасонанд. Тавсияҳои таҳияшуда доираи чорабиниҳоро доир ба ҳавасмандгардонии молиявӣ ва такмили барномаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули муҳити мусоид барои рушди соҳибкории экологӣ нигаронида шудаанд, фаро мегиранд.

- Дар рисолаи илмӣ нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар рушди устувори соҳибкории экологӣ муайян гардидааст. Аз ҷониби муаллиф таҳлили ҳамкории субъектҳои соҳибкории экологӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ анҷом дода шуда, ҷанбаҳои асосии дастгирии онҳо дар заминаи ҳавасмандгардонии рушди устувор дар сатҳи маҳаллӣ муайян гардидааст. Дар таҳқиқот махсусан аҳамияти таҳия ва татбиқи барномаҳо ва ташаббусҳои маҳаллии экологӣ, ки ба фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди соҳибкории ба муҳити зист нигаронидашуда ва таҳкими масъулияти иҷтимоии он мусоидат мекунанд, асоснок гардидааст.

- Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» таҳия гардидааст. Ба қатори самтҳои стратегӣ барои рушди соҳибкории экологӣ, аз ҷумла инноватсия, навсозии технологӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва ғайра пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, соҳаҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ, ба монанди саноати “сабз”, кишоварзии “сабз”, нақлиёти “сабз”, сайёҳии “экологӣ” ва ғайра муайян гардидаанд. Муаллиф муносибати ҳамаҷонибаи банақшагирии стратегиро дар асоси таҳлили хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, инчунин, талабот ва имкониятҳои корхонаҳои самти экологӣ асоснок намудааст. Ин самтҳо барои ташаккули сиёсати самараноки дастгирии соҳибкории экологӣ, ки ба гузариш ба «иқтисоди сабз» мусоидат мекунад, заминаи асосӣ ба ҳисоб мераванд.

- Тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ ва рушди маърифати экологӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф тавсияҳои мушаххасро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод кардааст. Ин тавсияҳо тадбирҳоро барои такмил додани заминаи қонунгузорӣ, сода кардани расмиёти маъмурӣ барои лоиҳаҳои экологӣ, пешниҳоди воситаҳои молиявӣ ва ҳавасмандгардонӣ, аз қабили имтиёзҳои андоз, грантҳо ва субсидияҳои экологӣ дар бар мегиранд. Илова бар ин, ба зарурати рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи манфиатҳои рушди устувор ва соҳибкории экологӣ диққати махсус равона карда шудааст. Муносибати ҳамаҷониба барои ҳамгироии маърифати экологӣ ба барномаҳои таълимии ҳама сатҳҳо, аз давраи томактабӣ то таҳсилоти олӣ, инчунин, ба барномаҳои таълими касбӣ ва такмили ихтисос пешниҳод карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки хулосаву пешниҳодҳои муаллиф дар кори диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва баррасии маводҳои илмию амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз” асоснок карда шудаанд.

5. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Барои мустаҳкам гардонидани назарияҳои илмии рушди устувор ва иқтисодиёти минтақа муқаррароти илмии дар рисола инъикосёфта, мусоидат менамоянд. Дар ҷараёни коркарди барномаҳои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ бо дарназардошти риояи низомҳои экологӣ дастовардҳои таҳқиқотро вазоратҳои соҳавӣ истифода бурда метавонанд.

Ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди экологӣ мақомоти дахлдори соҳавии шаҳру ноҳияҳои кишвар дар инкишофи механизмҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ тавсия ва пешниҳодҳои илмии диссертатсияро истифода хоҳанд кард, ки ин аҳаммияти амалии таҳқиқотро инъикос менамояд. Инчунин, субъектони хоҷагидор, махсусан, соҳибкории экологӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ имконият доранд, дар ҷараёни фаъолияти худ тавсияҳои рисоларо ба кор баранд.

Натиҷа ва хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти нази Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва амалишавии стратегияҳо ва барномаҳои такмилӣ идоракунии рушди экологӣ-иқтисодӣ истифода гардида, баъзе муқаррароти илмӣ дар раванди таълим аз фанҳои экология, иқтисоди “сабз”, асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷиҳати тайёр кардани мутахассисон мусоидат хоҳад намуд.

Дар маҷмуъ, тавсияву хулосаҳои илман асосноки дар кори диссертатсионӣ дарҷ ёфта, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба рушди фаъолияти сохторҳои соҳибкории экологӣ муфид мебошанд.

6. Дараҷаи асосноки ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Муаллиф аз таҳқиқоти илмӣ ва нуқтаҳои назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" моҳирона истифода карда, маълумоти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, маводди конференсияҳои илмӣ-амалиро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф эъҷодкорона методҳои умуми-иқтисодӣ, ба монанди муқоисакунӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, усули иқтисодӣ-математикӣ, хулосаҳои худро дар намуди назария пешниҳод намуда, методикаи арзёбии вазъи идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" коркард намуда, дар асоси он ҳолати муосири экологии кишварро мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин, истифодаи принсипу методологияи зикршуда, ба муаллиф имконият доданд, ки тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" коркард карда шаванд.

Дар арзёбӣ ва муайян намудани муаммоҳои идоракунии рушди соҳибкории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маводди расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, аз асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба ҳалли ин масъала бахшида шудаанд, маводди конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ истифода шудааст.

Аз рӯйи таҳқиқ маълум мегардад, ки муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқшаванда сарчашмаҳои илмиро самаранок истифода бурда, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст. Моҳияти автореферат ва асарҳои ба нашр расонидашудаи муаллиф ба мазмуни диссертатсия мутобиқ мебошад.

7. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи тақризшаванда дар худ таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсия мутобиқи мақсад, предмет ва объект мантиқан дуруст мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 340 номгӯйро фаро гирифтааст, иборат буда, он дар 344

саҳифа матни асосӣ баён шуда, 60 ҷадвал, 6 расм ва 7 диаграммаро дар бар мегирад

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи таҳқиқи илмӣ, объекту предмет, мақсаду вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, навгониҳои илмӣ, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ асоснок карда шуда, матраҳ гардидаанд.

Дар боби якум – «Асосҳои назариявии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» - заминаҳои консептуалии иқтисоди сабз дар шароити муосир, соҳибкории экологӣ яке аз ҷузъҳои иқтисоди сабз ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дар самти идоракунии соҳибкории экологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар шароити муосир “иқтисоди сабз” яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, олимон муҳақиқон “иқтисоди сабз”-ро чунин тасниф медиҳанд: фаъолияти хоҷагидорие, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ боис гардида, таҳдидро ба муҳити зист коҳиш медиҳад. Дар ин асно дар диссертатсия хусусиятҳои модели “иқтисоди сабз”, таъсири “иқтисоди сабз” ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, принсипи татбиқи он муайян карда шудааст (саҳ. 26-39).

Андешаҳои олимон мутахассисонро оид ба мафҳуми соҳибкории экологӣ баррасӣ намуда, муаллиф чунин қайд кардааст, ки соҳибкории экологӣ яке аз навъҳои соҳибкории устувор ба ҳисоб рафта, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Яъне истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, кор ва хизматрасонии экологӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида мешаванд (саҳ. 44-47).

Дар диссертатсия таҷрибаи мамлакатҳои ИМА, Олмон, Шветсия, Бразилия, Хитой ва ду мамлакати ИДМ оид ба соҳибкории экологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъкид мешавад, ки дар ИМА барои рушди соҳибкорон, самтгирии фаъолият ба таҳия ва татбиқи технологияи инноватсионии экологӣ равона шудаанд. Олмон дар ин самт низоми технологияи пешрафтаро дар соҳаи энергияи барқароршаванда, аз қабили офтобу бод, гармидиҳии геотермалӣ ва мошинаҳои барқӣ татбиқ карда истодаанд. Дар Федератсияи Россия самти асосии соҳибкории экологӣ ба сайёҳии экологӣ, энергетикаи бодӣ, таълимӣ экологӣ муайян гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии рушди соҳибкории экологӣ имкониятҳои татбиқи онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардааст (саҳ. 55-75).

Дар боби дуюм – «Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи соҳибкории экологӣ» – амали механизмҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ, принсипҳо ва

меъёрҳои асосии ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ ва омилҳои асосии соҳибкории экологӣ арзёбӣ гардидаанд.

Ба андешаи муаллиф, механизми иқтисодии идоракунии муҳити зист низоме мебошад, ки усулҳо, воситаҳо ва шароитҳои ба ҳам алоқаманди барои ноил шудан ба ҳадафҳои экологӣ ва иқтисодии идоракунии устувори табиатро дар бар мегирад. Бо ин гуфтаи муаллиф пурра розӣ шудан мумкин аст, зеро маҳз фаъолияти пурсамари иқтисодиёт аз механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сохторҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ вобаста мебошанд (саҳ. 78).

Баҳри арзёбии ҷойгоҳи соҳибкории экологӣ, муаллиф истифодаи модели "ҳалқаи панҷгона"-ро зарур донистааст, ки аз низоми маориф, зернизоми иқтисодӣ (сармояи иқтисодӣ), зернизоми сиёсӣ (сармояи сиёсӣ-ҳуқуқӣ), "сармояи иҷтимоӣ", "сармояи иттилоотӣ", муҳити зист (сармояи табиӣ) иборат аст (саҳ. 81).

Баъдан, дар диссертатсия принсипҳои асосии низоми идоракунии муҳити атроф, принсипҳои асосии соҳибкории экологӣ баррасӣ гардида, аз тарафи муаллиф чор гурӯҳи принспиҳо, ки ба рушди соҳибкории экологӣ мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд: 1. Устуворӣ ва таъсир ба муҳити зист. 2. Навоварӣ ва рушд. 3. Масъулияти иҷтимоӣ ва фарогирӣ, идоракунӣ ва стратегия. Бо ин ғояи муаллиф мо низ розӣ ҳастем (саҳ. 92-99).

Муаллиф дар саҳифаи 100-101-уми диссертатсия дуруст қайд мекунад, ташкили фаъолияти соҳибкории экологӣ, ки навъҳои муайяни маҳсулоти экологӣ, мувофиқати онро ба талаботи меъёру стандартҳо таъмин менамояд, гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бо ҷорӣ намудани технологияи илман асоснок ва барои истеҳсоли замонавӣ технологияи инноватсионӣ зарур аст. Таҳия ва татбиқи чунин механизми низоми идоракунӣ барои рушди устувори экологии соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон ниҳоят муҳим мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ маҷмуи омилҳои рушди соҳибкории экологӣ таҳқиқ ва гуруҳбандӣ гардидааст, аз ҷумла: захиравӣ-табиӣ, экологӣ, иқтисодӣ, меъёривуи ҳуқуқӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, инфрасохторӣ, иттилоотӣ инноватсионӣ. Ҳамчунин, муаллиф чунин меҳисобад, ки натиҷаи фаъолияти соҳибкории экологӣ ба беҳтар намудани муҳити зист, нигоҳдории низоми солими экологӣ, иҷтисодӣ, иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. (Саҳ. 105-113)

Дар боби сеюм – «Шароитҳои иқтисодӣ ва экологии рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - тамоюли рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат, вазъи муосир рушди соҳибкории экологӣ ва рушди он дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар таҳлил шудаанд.

Муаллиф дар диссертатсия фаъолияти соҳибкориро аз рӯйи нишондиҳандаҳои суръати маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ҳиссаи соҳибкорӣ дар

ММД, ҳиссаи соҳибкорӣ дар шуғли аҳолии Тоҷикистон ва ҳиссаи қарзҳои ба ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ додашуда дар ММД таҳлил намуда, қайд менамояд, ки соҳибкорӣ дар иқтисодиёти мамлакат ҷойгоҳи махсусро ишғол карда, аз соли 2015 зиёда аз нисфи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз ҷониби субъектони соҳибкорӣ ташаккул ёфтаанд. Ҳамчунин, вазни қиёси онҳо дар ММД-и мамлакат дар давоми 7 соли охир ба ҳисоби миёна 63,4% ташкил намудаанд. Дар баробари ин, муаллиф зарур мешуморад, ки додани қарз ба соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ афзалият дода шаванд. (саҳ. 125-126).

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи мунтазами чорабиниҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба рушди иҷтимои иқтисодӣ таъсири худро расонидааст. Ва ё аз таҳлили гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ, шуғли шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар давоми солҳои 2015-2022 аз 284,7 ҳазор то ба 307,3 ҳазор нафар расида, 7,9% зиёд гаштааст (саҳ. 131). Ин бевосита аз тамоюли мусбати соҳибкорӣ дар мамлакат дарак медиҳад.

Дигар ҷанбаи таҳлили гузаронидашудаи муаллиф, ки ба баҳодиҳии эътимоднок савзовор аст, ин тақсимоти фаъолияти соҳибкории корхонаву ташкилотҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Яъне ҳиссаи аз ҳама зиёд дар байни соҳаҳои иқтисодиёт соҳаи аграрӣ аст, ки соли 2022 10461 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2021 209 адад зиёд аст. Ҳамунин, дар солҳои охир бо суръати баланд, низ соҳаи саноат рушд кардааст (саҳ. 135).

Дар маҷмуъ, зимни арзёбии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат, муаллиф қайд намудааст, ки дар солҳои охир теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд кам гашта, дигар субъектҳои соҳибкорие, ки тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёд гашта истодаанд (саҳ. 138). Ин падидаи хуб мебошад, ки ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсир наемонад ва дар баробари ин зарур аст, ки марҳилаи нави фаъолиятро такя ба принсипҳои соҳибкории экологӣ ба роҳ монанд.

Вобаста ба масъалаҳои ҳалталаби фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити имрӯза таъкид шудааст аз ҷумла: сабун намудани низоми андозбандӣ, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, таъмини мустақилият ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, мақсаднок истифода нашудани маблағҳои буҷети давлатӣ ва хориҷӣ. (саҳ. 143). Бо ин фикри муаллиф розӣ ҳастем.

Муаллиф вазъи кунунии экологии мамлакатро арзёбӣ намуда, имкониятҳои мавҷударо дар рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ муайян намудааст, ки ба истифодаи технологияи бепартов, истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, гирифтани летсензияи экологӣ ва инчунин, эҳёи тафаккури экологии аҳолӣ такя

мекунад (саҳ. 155-162). Маҳз ин ба принсипҳои рушди устувор асос меёбад, ки муҳити зисти солимро дар мамлакат таъмин менамояд.

Корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, махсусан, сементбарорӣ аз як тараф ба иқтисодиёти мамлакат нақши басо муҳим дошта, аз тарафи дигар, ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, яъне ба номусоидии вазъи экологии кишвар боис мегарданд. Дар ин маврид дуруст қайд мекунад муаллиф соҳибкории экологӣ аснои фаъолият бо корхонаҳои саноатӣ ҳамкории судманд ба роҳ монда, тавассути ворид намудани техника ва технологияи замони муосир, ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳонӣ имкон фароҳам меорад. Дар натиҷа фазои экологӣ дар мамлакат мунтазам беҳтар гардида, ҳифзи муҳити зист дар асоси талаботи меъёрҳои экологӣ ба роҳ монда мешаванд (саҳ. 178).

Дар боби чорум – « Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » - самтҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии соҳибкории экологӣ таҳия ва пешниҳод гардида, рушди маърифати экологӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории экологӣ муайян шудааст.

Дар назария ва амалияи идоракунӣ назарияҳои гуногуни таъмини рушди низоми идоракунии ташкилоту корхонаҳо, ки ба марҳиҳаҳои алоҳидаи таърихӣ тааллуқ доранд, мавҷуданд. Дар ин росто, муаллиф бар он ақидааст, ки қонунгузории Тоҷикистон ва заминаи ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳо дар заминаи соҳибкории озод таҳким ёфтаанд, зарур аст, ки татбиқи ислоҳоти корхонаҳо дар самти микроиқтисод суръат гиранд. Яъне ислоҳоти корхонаҳо бояд натиҷаи фаъолияти мувофиқшудаи роҳбарон, моликон ва кормандон бо нақши ҳамоҳангсози давлат дониста шавад (саҳ. 209-212).

Зимни баррасии дастгирии давлатии соҳибкорӣ, муаллиф вазифаҳои давлатро бо мақсади рушди соҳибкорӣ чунин муайян кардааст: ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкорӣ, баландбардоштани самаранокии механизми дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳуривӣ ва мақомоти маҳаллӣ ва дигарҳо (саҳ. 213-214).

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути танзими ҳуқуқӣ, усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад. Дар кори диссертатсионӣ муаллиф вобаста ба танзими давлатӣ, роҷеъ ба масъалаи ҳифзи муҳити зист ва рушди соҳибкории экологӣ чунин самтҳои афзалиятнокро асоснок ва тавсия намудааст: ҷорӣ намудани ҳамгироии экологӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфкунандаи захираҳои фаъолияти иқтисодӣ, таъмини соҳаҳои саноат бо таҷҳизоти ҳифзи муҳити зист, низоми коркарди партовҳо, таҳияи усулҳои муайян кардани хавфҳои экологӣ (саҳ. 230-232).

Дар диссертатсия мавқеъ ва аҳаммияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди соҳибкории экологӣ таҳқиқ гардида, муаллиф ба ақидае

меояд, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳри беҳтар гардидани вазъи экологии маҳалҳо диққати махсус зоҳир намуда, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ташкил ва рушди соҳибкории экологиро роҳандозӣ намоянд (саҳ. 237-240). Ин андешаи муаллиф боиси дастгирӣ аст, зеро маҳз ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат заминаи рушд дар соҳибкории экологӣ шуда метавонанд.

Дар боби панҷум – «Стратегияи рушд ва идоракунии соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои стратегии рушди соҳибкории экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии соҳибкории экологӣ ва рушди маърифати экологӣ ҳамчун омили баланд бардоштани соҳибкории экологӣ асоснок шудаанд.

Яке аз меъёрҳои фаъолияти соҳибкории экологӣ ин даст кашидан аз истифодаи сӯзишвории истихроҷшаванда аст. Дар ин маврид муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор технологияи муосири сӯзишвории истихроҷи тоза мавҷуданд, ки метавонанд дар мамлакат ҷорӣ гардида, ба кишвари иқтисодиёти камкулхонаӣ табдил ёбад (саҳ. 243-245).

Дар диссертатсия муаллиф рушди соҳибкории экологиро доир ба самтҳои стратегӣ пешниҳод намудааст, ки ба чунин қисматҳо такя намояд: татбиқи инноватсия, навсозии технологӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва ғ... Баъдан, соҳаҳои афзалиятноки соҳибкории экологиро ба монанди саноати “сабз”, кишоварзии “сабз”, нақлиёти “сабз”, сайёҳии “экологӣ” муайян кардааст, ки пурра боиси дастгирӣ аст (саҳ. 246-255).

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки яке аз самтҳои фаъолияти рушди соҳибкории экологӣ ин кишоварзии органикӣ мебошад. Тибқи таҳлили анҷомдодаи муаллиф бармеояд, ки заминҳои корами обӣ ҳар нафар аҳолӣ соли 2022 ба 0,05 га рост омадааст. Бинобар он, таъкиди муаллиф саривақтӣ буда, кишоварзии органикӣ, ки ба муносибатҳои экологӣ дар соҳаи аграрӣ асос меёбад, ба пешгирии талафоти об, баланд бардоштани қабати ҳосилхезии замин мусоидат мекунанд (саҳ. 263-269).

Баъдан, дар диссертатсия муаллиф доир ба рушди маърифати экологӣ ва баланд бардоштани тафаккури экологии ҷомеа, ки ба рушди устувор ва таҳкими соҳибкории экологӣ нигаронида шудааст таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муносибати маҷмуиро баҳри ҳамгирории маърифати экологӣ бо барномаҳои таълимии ҳама сатҳҳо пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, бо мақсади амалигардии пурраи ин ҳадаф механизми рушди маърифати экологиро коркард ва тавсия намудааст (саҳ. 291-292).

8. Эроду тавсияҳо доир ба диссертатсия

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи таҳқиқшаванда дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, ҳамзамон, мавҷудияти баъзе камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд:

1. Боби 1-уми диссертатсия асосҳои назариявии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" унвон дорад. Аммо доир ба масъалаи идоракунии соҳибкории экологӣ муаллиф камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

2. Арзиши илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мегашт, агар муаллиф соҳибкории экологӣ ва омилҳои рушди устуворро бо назардошти чолишҳои муосир ва таҳдидҳои рушди бахши соҳибкорӣ тасниф ва асоснок менамуд.

3. Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ, қимати сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ оид ба масъалаи омӯзиши "иқтисоди сабз", соҳибкории экологӣ ва рушди устувор ном ва насаби як қатор олимони ватанӣ, ба монанди Давлатзода Қ.Қ., Исайнов Ҳ.К., Зубайдов С., Дустбоев Ш.Д. ва дигарон оварда шудаанд. Аммо дар диссертатсия танҳо андешаи Одинаев Ҳ.А., Маҳмадалӣ Б.Н. иқтибос оварда шудаанд. Ҳоло он ки асарҳои илмии кофӣ оид ба масъалаи таҳқиқот мавҷуданд.

4. Хуб мебуд муаллиф зимни арзёбии мушаххаси фаъолияти соҳибкории экологӣ дар мамлакат Swot-таҳлил анҷом дода, баъдан самтҳои рушди соҳибкории экологиро асоснок менамуд.

5. Дар зербоби 3.2.-и диссертатсия муаллиф зарурати таҳияи стратегияи миллии соҳаи соҳибкории экологиро пешбинӣ менамояд, вале механизми татбиқи онро мушаххас накардааст.

6. Кори диссертатсионӣ бурд мекард, агар муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомдодаи худ дар боби 5-ум самтҳои афзалиятноки соҳибкории экологиро дурнамогирӣ менамуд.

Мавриди зикр аст, ки эрод ва камбудиҳои номбурда аҳаммият ва қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунанд. Дар маҷмуъ, диссер-татсияи тақризшавандаи Досиев М.Н. таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфтаи ба таври мустақилона иҷрошуда дар мавзуи муҳим маҳсуб ёфта, навгониҳои илмии бадастомада ва аҳаммияти амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд.

9. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 80 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 28 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф муҳтавои таҳқиқот, хулосаву пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ Досиев Маҳмадшоҳ Назарович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 25-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295), мувофиқат мекунад. Досиев М.Н. соли 2019 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҳимоя намудааст.

10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи рисолаи докторӣ, ба бандҳои 32 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаҳои мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Досиев Маҳмадшоҳ Назарович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 25 нафар омӯзгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 25 нафар, «зид»- нест, «бетараф» - нест (протоколи №11 аз 20.06.2024 тасдиқ гардидааст).

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири
кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон **Нуридинов С. З.**

Ташхисгар:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон **Мирсаидов С. А.**

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои
иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ДДМИТ **Абдумухторзода Н.А.**

Имзои н.и.и., дотсент: Нуриддинов С. З., профессор Мирсаидов С. А. ва н.и.и., дотсент Абдумухторзода Н.А.–ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ, **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 73467, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел.: (+ 992 37) 231-02-01, E-mail: tgfeu@tgfeu.tj